Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дарачаи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) пешниҳод шудааст

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва кафолати дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ молу мулк мавқеи марказӣ дошта, дар заминаи муомилоти озоди он иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқӣ бо роҳҳои мухталиф истифодаю гузариши онро анҷом медиҳанд. Кафолати мазкур аз муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ бармеояд. Лизинг василаи муҳим дар раванди қонеъ гардондани талаботи шахсон буда, дастовардҳои нодири инсоният барои дастрасии мусоид ба неъматҳои моддӣ ва пайдоиши ҳуқуқ, инчунин анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ аст. Дар ин замина, моҳияти асосии лизинг фароҳам овардани имконияти мусоид ва мувофиқ барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ва истифодаи молу молк ба шумор меравад. Дар марҳилаи муосир муомилоти ҳуқуқи маданӣ дар бештари мавридҳо ба воситаи шартномаҳо ба амал баровaрда шуда, бо ин асос муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ инкишоф мeёбанд. Дар ин давра бо дарназардошти рушди низоми ҳуқуқӣ, иқтисодиёт, молия ва дигар падидаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти илмии масъалаи мазкур муҳим мебошад.

Рушди механизмҳои идоракунии бозорӣ ва раванди иқтисодии кишвар зарурати таъсиррасонии ҳамоҳангсозандаро аз ҷониби давлат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ истисно наменамояд. Яке аз самтҳои чунин таъсиррасонӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва судӣ ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин афзалияти лизинг ин имтиёзҳои андозӣ аст, ки аз тарафи давлат нисбати субъектҳои муносибатҳои лизингӣ пешниҳод карда мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки ба андозаи чашмрас хароҷотҳои амалиётҳои лизингӣ кам гардад. Маҳз ҳамин омил аз ҳар ҷиҳат барои рушди муносибатҳои лизингӣ дар кишварҳои ғарбӣ мусоидат намудааст.

Иҷораи молиявӣ (лизинг) мувофиқ ба талаботи қонунгузорӣ ба шартномаи лизинг асос ёфта, ба субъектони истеҳсолкунанда аз нуқтаи назари иқтисодию ҳуқуқӣ ҳамчун чораҳои ҳавасманднамоӣ, ба монанди бо фоизҳои паст харидорӣ кардани молу мулк, ба даст овардани фоида аз истифодабарӣ ва монанди инҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар дар муносибатҳои кишоварзӣ шартномаи лизинг мавриди истифода қарор дода мешавад. Бинобар ин тибқи

Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 беҳтар намудани заминаи моддию техникӣ ва таъминоти иттилоотии соҳаи кишоварзӣ тавассути татбиқи васеи низоми агролизинг ба воситаи зиёд намудани техникаи хурд ва миёнаҳаҷми кишоварзӣ, аз ҷумла ба шароити минтақаҳо мутобиқ муқаррар карда шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Ҳакимзода Якуб ба масъалаҳои мубраму муҳими ҳуқуқи мадании Ҷумхурии Тоҷикистон - масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аҳаммияти он бо рушди босуръати муносибатҳо оид ба иҷораи молиявӣ (лизинг) дар ин соҳа ва зиёд гардидани субъектҳо ба таври назаррас баланд мебошад. Дар ин росто, таҳқиқоти мазкур барои такмили қонунгузории мадании кишвар ва самаранок дар амалия татбиқ намудани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузошта метавонад.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз усулҳои гуногуни илмӣ ба таври муассир истифода бурда, ба хулосаҳои дақиқу боэътимод омадааст, ки ба раванди такмили қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Ба таври махсус таъкид кардан лозим аст, ки муаллиф оид ба мушаххас намудани аломатҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили истилоҳоти ҳуқуқӣ, муайян намудани тарафҳои шартномаи мазкур ва таҳияи тавсияҳо барои такмили қонунгузории мадани пешниҳодҳои амалӣ ва бунёдӣ кардааст. Аз ҷумла, муаллиф баён медорад, ки бо дарназардошти таҳқиқоти анҷомдодашуда истилоҳи лизинг ва иҷораи молиявӣ набояд ба як маъно истифода шавад, зеро лизинг хусусияти васеъ дошта, ба ғайр аз иҷораи молиявӣ метавонад ба дигар падидаҳо низ татбиқ гардад. Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) истифода шавад. Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ барои тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) низ таъсиррасон мебошад.

Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст. Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои

автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст. Новобаста аз ин, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрӯзаи ҳуқуқи маданӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори
раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ,
ташрифотӣ ва ташкили кори Дастгоҳи
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

**Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Яккатут,
бинои 401, ҳуҷраи 50
Тел. (+992)-004-77-25-35
E-mail: makhmadshoevfarkhod@mail.ru

**Имзои Ф.А. Маҳмадшозодаро тасдиқ мекунам:**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С.

**Суроға:** 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42
Тел. (992 37) 221-33-07, (992 37) 221-11-41.
E-mail: info@parlament.tj

«01» 12 соли 2025